ХУЛОСАИ

комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Раҳматова Раҳиёнгул Бадарғаевна дар мавзӯи «Саҳми академик П. Б. Бобоҷонов дар рушди илми ситорашиносии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърихи илм (6.1.7. таърихи илм ва техника)

Мубрам будан, мақсаднокӣ ва афзалиятнокии таҳқиқоти илмӣ. Мавзӯи диссертатсияи Раҳматова Раҳиёнгул Бадарғаевна ба яке аз масъалаҳои муҳими таърихи илм ва техникаи ватанӣ бахшида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди илми тоҷик, инчунин муайян намудани саҳми олимони ватанӣ дар пешрафти соҳаҳои гуногуни илм дар давраи соҳибистиқлолии давлатӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами таърихнигории муосир ба шумор меравад. Ҳарчанд мавзӯи ҳаёт ва фаъолияти илмии як нафар академики тоҷик дар соҳаи ситорашиносӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, омӯзиши фаъолияти илмӣ, дастовардҳо ва саҳми чунин донишмандону мутафаккирони миллӣ барои наслҳои оянда аҳаммияти бузурги илмӣ ва тарбиявӣ дорад. Омӯзиши мероси илмии онҳо барои тарбияи насли нави олимон ва идомаи анъанаҳои илмию фарҳангии миллӣ мусоидат менамояд.

Аз натиҷаи таҳлили бобҳои диссертатсия, хулосаҳои ҷудогонаи онҳо ва хулосаи умумӣ бармеояд, ки рисола ба масъалаҳои мубрами таърихи илми ватанӣ бахшида шуда, бо ихтисоси 6.1. – Таърихи илм (6.1.7. таърихи илм ва техника) комилан мувофиқат мекунад.

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва таҳқиқи фаъолияти илмии академик П. Б. Бобоҷонов, нақши ӯ дар рушди илми ситорашиносии Тоҷикистон, бахусус дар давраи соҳибистиқлолӣ, омӯзиши осори илмӣ-таърихӣ ва саҳми ӯ дар омода намудани кадрҳои илмӣ ва педагогӣ дорои аҳаммияти муҳим мебошад. Маҳз зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин масъалаҳо

боиси интихоби мавзӯи диссертатсионии Раҳматова Раҳиёнгул Бадарғаевна гардидааст.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот ва натиҷаҳои илмӣ. Вобаста ба аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот бояд қайд намуд, ки диссертатсияи мазкур ба талаботи пешниҳодшаванда нисбат ба рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии ӯ метавонанд ҳамчун манбаи муҳимми омӯзишӣ дар соҳаи таърихи илми ватанӣ, бахусус ҳангоми муайян намудани саҳми олимони тоҷик дар рушди илм дар даврaи муосир ва оянда истифода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳангоми таълифи таҳқиқоти ҷамъбастӣ оид ба таърихи илм дар Тоҷикистон ва берун аз он, омӯзиши фанҳои таърихи илм, фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва курсҳои махсус дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бахусус дар факултетҳо ва ихтисосҳои марбут ба таърихи илмҳои табиатшиносӣ, мавриди истифода қарор гиранд.

Натиҷаҳои муҳимтарини бадастовардаи шахсии муаллиф ва навгонии илмии онҳо дар матни диссертатсия инъикоси худро ёфта, мазмуну мундариҷа, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро пурра фаро мегиранд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулосаҳои алоҳидаи бобҳо, хулосаи умумӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар маҷмӯъ 185 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима интихоби мавзӯъ, аҳаммият ва дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалии кор асоснок карда шудаанд.

Дар боби аввал ва бобҳои минбаъда муҳаққиқ тавонистааст бо истифода аз сарчашмаҳо ва адабиёти илмии дастрас масъалаҳои мавриди омӯзишро ба таври муфассал ва илмӣ таҳлил намояд. Рисола бо забони

равону фаҳмои тоҷикӣ таълиф гардида, дар раванди таҳқиқот маводи китобхонаҳо, бойгониҳо, маҷаллаҳои илмӣ, ёддоштҳои олимон ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ ба таври васеъ истифода шудаанд.

Муҳаққиқ дар рисолаи худ саҳми академик П. Б. Бобоҷоновро ҳамчун яке аз олимони барҷастаи тоҷик дар соҳаи астрономияи муосир, физикаю математика, таҳқиқотчии варзидаи илмӣ, ходими давлатӣ ва ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст.

Бояд қайд намуд, ки диссертант дар хулосаҳои бобҳо ва хулосаи умумӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ба таври муфассал ҷамъбаст намуда, масъалаҳои дар назди худ гузошташударо мавриди таҳлил ва натиҷагирии илмӣ қарор додааст.

Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, сатҳи диссертатсия ва мутобиқати он ба нишонаҳои тахассусӣ. Дар мавриди дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, инчунин сатҳи илмии диссертатсия бояд қайд намуд, ки маҷмӯи натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ бадастомада барои омӯзиши минбаъдаи таърихи илми ватанӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи курсҳои махсуси таърихи умумӣ, таърихи илми тоҷик, фарҳангшиносӣ ва дигар фанҳои таълимӣ ҳамчун маводи муфид истифода шаванд. Ҳамзамон, онҳо барои донишҷӯён, унвончӯён, магистрантон ва докторантони PhD, ки дар самтҳои гуногуни илмҳои таърихӣ ва табиатшиносӣ таҳқиқот анҷом медиҳанд, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Умуман, рисола бо забони тоҷикӣ дар сатҳи хуби илмӣ ва бо услуби равону фаҳмо таълиф гардида, ҳадафу вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо инъикос менамояд.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия бо фишурдаҳои он, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, моҳият ва натиҷаҳои асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Ҳамзамон, мақолаҳои

илмии таълифиамудаи унвончӯ, ки шумораи онхо зиёда аз 14 ададро ташкил медиҳанд, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро фаро мегиранд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Раҳматова Раҳиёнгул Бадарғаевна дар мавзӯи «Саҳми академик П. Б. Бобоҷонов дар рушди илми ситорашиносии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-таҳассусии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷиҳати арзиши назариявӣ ва амалӣ ба талаботи пешниҳодшаванда нисбат ба рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, ҳайати комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи мазкур барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Ба ҳайси муассисаи пешбар: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Ба ҳайси муқарризони расмӣ:

1. Абдулҳай Комилӣ – доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

2. Исмоилов Ёдгор Ҳафизович – номзади илмҳои таърих, дотсенти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Ҳайати комиссияи экспертӣ:

Раиси комиссия:

Доктори илмҳои таърих, профессор: **Қурбонов Бахром Раҳмонович**

Аъзоёни комиссия:

1.Доктори илмҳои таърих, профессор: Абулҳаев Рақиб Абулҳаевич

2.Номзади илмҳои таърих, дотсент: Мақсадов Ҳабибулло

09. 11. 2026